# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.04.2023, №12**

Барои сазовор донистани Дембегиев Мисралӣ Сафармадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии саҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 08-уми феврали соли 2023 дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №23-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Дембегиев Мисралӣ Сафармадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6-уми июли соли 1986 дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2003 пас аз хатми мактаби миёна ба факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н.Хусрав (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав) аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ дохил шуда, соли 2008 муассисаи олии номбурдаро хатм намудааст. Ӯ солҳои 2006-2007- омӯзгори МТМУ №42-и ноҳияи Мир Сайи Алии Ҳамадонӣ кор кардааст.

Номбурда дар давоми солҳои 2007-2016- дар вазифаи корманди филиали ҶСК “Агроинвестбонк” дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кор кардааст. Дембегиев М.С. соли 2011 ба Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ба ихтисоси кори бонкӣ дохил шуда, соли 2014 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бомуваффақият хатм намудааст.

Аз соли 2016 Дембегиев М.С. ба ҳайси ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба кор қабул шудааст. Унвонҷӯ то ба ҳол дар вазифаҳои гуногун зерин фаъолият намудааст: солҳои 2016-2020 ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; ҳамзамон, солҳои 2020-2022- муовини декани факултет оид ба тарбия дар факултети молия ва қарз. Бо фармоиши ректори донишгоҳ аз 15 августи 2022 сол то инҷониб ба дар вазифаи эдвайзер оид ба таълими факултети технологияҳои иттилооти дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва

иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2017, суратҷаласаи №11/2 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми июни соли соли 2017, суратҷаласаи № 11/2 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шариф Раҳимзода** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Султонов Зубайдулло Султонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, роҳбари бахши барномаи магистрии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Қурбонова Фируза Алиҷоновна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Муртазоев О.Қ. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии ДДТТ (протоколи №8 аз 30.03.2023) баррасӣ ва муҳокима карда шуда ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Назарзода Х.Х. тасдиқ гардидааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи: «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Дембегиев Мисралӣ Сафармадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 10 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Дембегиев, М.С. Роль коммерческих банков в привлечении сбережения населения и регулировании денежного обращения [Текст]/ М.С. Дембегиев, А.В. Рахимова // Вестник Таджикского национального

университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№1.-С. 131-135. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Дембегиев, М.С. Асосҳои назариявии ташкили бозори хизматрасониҳои бонкӣ [Матн]/ М.С.Дембегиев//Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2020. - №2. - (22). - С. 168-175. ISSN 2663-0389.

[3-М]. Дембегиев, М.С. Вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон дар шароити пандемия (COVID-19) [Матн]/ М.С. Дембегиев, Ш. Раҳимзода//Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2019. - №3-2. - С.125-132. ISSN 2663-0389.

[4-М]. Дембегиев, М.С. Масъалаҳои актуалии хизматрасониҳои қарзии низоми бонкӣ [Матн]/ М.С. Дембегиев, С.Ҷ. Махшулов//Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2022. - №4. - С. 135-140. ISSN 2663-0389.

[5-М]. Дембегиев, М.С. Таҳлили вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир [Матн]/ М.С.Дембегиев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2022. - № 4. - С. 115-122. ISSN 2663-0389.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Дембегиев, М.С. Низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он дар татбиқи амалии раванди ҳисобаробаркуниҳо [Матн]/ М.С. Дембегиев, Ш.С. Нуров //Молия ва ҳисобдорӣ. - 2019. - №1 (148) .– С. 40-42.

[7-М]. Дембегиев, М.С. Нақши низоми молиявии бонкҳои исломӣ дар бозори молиявии ҷаҳонӣ [Матн]/ М.С. Дембегиев, Қ.С. Сафаров // Маҷмӯаи мақолаҳои илмии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – С. 161-162

[8-М] Дембегиев М.С. Нақши қарзи бонкӣ дар пешрафти соҳибкории хурду миёна дар шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ М.С. Дембегиев, Г.С. Латипов //Маҷмӯаи илми донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 22-23 апрели 2019с. С. 82-84.

[9-М] Дембегиев М.С. Роҳҳои беҳтар намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]/ М.С. Дембегиев, М.Р. Нуров //Маҷмӯаи илми донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон Душанбе 31 майи 2019с саҳ 205-207.

[10-М] Механизмы институционального управления государственного сектора Республика Таджикистан: формирование, развитие и проблемы. [Текст]/ М.С. Дембегиев, Г.С. Гафуров // Сборник материалов научно-практической международной конференции (г. Душанбе, 14-е декабря 2018 года) – Душанбе, ТГФЭУ. 2018. С.174-182.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шуро ворид шуданд:**

**1. Сафоев Абдумаҷид Каримович - н.и.и., дотсент мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии соҳибкорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон бо чунин эродҳо**

1. Дар шароити имрӯза хуб мешуд агар унвонҷӯ ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкиро аз нуқтаи назари омилҳо ва сатҳи талабот мавриди таҳқиқ қарор медод;

2. Вобаста ба хизматрасониҳои муосири бонкӣ омилҳои таъсиррасонро дар сатҳи низоми бонкӣ бояд таҳқиқ менамуд;

3. Хуб мешуд агар унвонҷӯ дар навгониҳои илмӣ ошкорнамоии таъсири омилҳои манфиро ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳқиқӣ ҳаматарафа қарор медод.

**2. Шамсов Илёс Сафаралиевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиётӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо.**

1. Заминаҳои минбаъдаи хизматрасониҳои виртуалиро бо дарназардошти мавқеи ҷойгиршавии ташкилотҳои қарзӣ баррасӣ намуда, имконияти рушди минбаъдаи онҳоро муайян менамуд.

2. Дар автореферат вобаста ба мушкилоти имрӯзаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дархосту пешниҳодҳои худро мушаххас менамуд.

**3. Холматиён Рустам, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ бо чунин эродҳо.**

1. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ дар муқаддимаи диссертатсия вобастагии масъалаҳои баррасишавандаро дар самти такмили бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз нуктаи назари омилҳо мавриди баррасӣ мекард.

2. Агар унвонҷӯ нуқтаи назари олимони ватаниро дар самти масъалаи баррасишаванда мавриди истифода қарор медод, таҳқиқоти ӯ комилтар мешуд.

3. Дар таҳқиқоти баанҷомрасида хуб мешуд агар унвонҷӯ ҳиссаи бозори хизматрасониҳои бонкиро вобаста ба иқтидори захиравии бонкҳо мавриди таҳқиқ қарор медод ва ин ҳиссаро дар сатҳи зарурӣ муайян менамуд.

**4. Муовини сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ Исвализода Сулаймон Ҷурахон, тақриз мусбат,** эрод надорад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор

шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** вобаста ба талаботҳои замони муосир дар заминаи техникаю технологияи муосир муаллиф оид ба омӯзиши масъалаҳои асосии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ки он бо шаклҳои навтарини хизматрасониҳои бонкӣ ба вуҷуд омадааст аз давраи пеш то ба имрӯз оид ба моҳияти иқтисодии ин масъала афкори олимону коршиносонро дар самти таъсиси бозори хизматрасонии мукаммал, инчунин, дигар фишангҳои ба ин масъала таъсиррасонандаро таҳлил намуда, нуктаи назари худро вобаста ба мафҳуми амалиёт, хизматрасонӣ ва маҳсулоти бонкӣ пешниҳод карда шуд;

- ***зарурати*** арзёбии замина ва марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти ташаккули дурусти заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бо ин роҳ солимгардонии фазои низоми бонкӣ баррасӣ гардида, марҳалаҳои рушди он асоснок карда шудааст;

- ***таърифи муаллифӣ*** вобаста ба марҳалаҳо ва таҳаввулотҳои рушди низоми бонкӣ дар шароити номувозинатии иқтисодиёти ҳангоми гузариш ба тамоюлҳои нави иқтисодӣ бодарназардошти тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои низоми бонкӣ вобаста ба сатҳи талабот ва имкониятҳои мавҷудаи пешниҳоди хизматрасониҳои низоми бонкӣ таҳлил ва ошкор гардида, таҳлили вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон, ки арзёбии рушди дурусти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи соҳибистиқлолӣ инъикос менамояд, асоснок гардидааст.

- ***механизмҳои*** имконпазири рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи масъалаҳои фарогир ҷиҳати таъмини талаботи ҳаматарафаи аҳолӣ коркард гардида роҳҳои дар амал дуруст ҷорӣ намудани он мавриди таҳлил ва баррасӣ дода шудааст. Ҳамчунин, дар доираи имкониятҳлои мавҷуда боназардошти паст кардани шиддати хавфҳо ба таври дуруст ҷоринамудани шаклҳои нави хизматрасонии бонкӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***самтҳои*** асосии такмили низоми ташкил ва танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ асоснок карда шудааст, ки дар он такмили механизмҳои имконпазир ва амиқ санҷидашудаи рушди низоми бонкӣ дар шароити муосир коркард шудааст. Ҳамчунин, дар сатҳи низоми бонкӣ ҷиҳати ба даст овардани эътимоди аҳолӣ вобаста ба тақсими ҳиссаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳодҳои илман асоснок манзур гардидааст ва муаллиф роҳҳои дар амал дуруст ҷорӣ намудани таклифу пешниҳодҳои илман асоснокро дар шакли пурра манзур намудааст;

- дар заминаи техникаву технологияҳои муосир ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва виртуалӣ дарёфт гардида, хусусиятҳои хос ва истифодаи самараноки онҳо дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ асоснок

шудааст. Ҳамчунин, истифодаи имкониятҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси воситаҳои ҳозиразамони бонкӣ баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок,**

- дар асоси таҳлилу муқоисаҳои илмӣ мафҳумҳои возеҳтари “амалиёти бонкӣ”, “хизматрасонии бонкӣ” ва “маҳсулоти бонкӣ” ба таври возеҳ пешниҳод шудаанд;

- марҳилабандии рушди амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои хоси пешрафти низоми бонкӣ таҳлил ва нишондиҳандаҳои он асоснок гардидаанд;

- коркардҳои илман асосноки таҳаввулоти рушди низоми бонкӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар бозори бонкӣ таҳлилу баррасӣ ва ошкор карда шудаанд;

– механизмҳои имконпазири рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳое, ки боиси ба миён омадани навъҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ мегарданд, арзёбӣ гардида, усулҳои самараноки бозори хизматрасониҳои бонкӣ асоснок карда шудаанд;

– танзими раванди идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар доираи техникаву технологияҳои муосир бо дарназардошти таҳлили вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ ва нишондиҳандаҳои асосии воситаҳои муосири хизматрасонии бонкӣ таҳлил гардидааст;

- барои беҳтар гардонидани фазои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи такмили он дар низоми бонкӣ пешниҳодҳо коркард шудаанд; бозори хизматрасонии қарзӣ, имконият ва иқтидорҳои мавҷудаи низоми бонкӣ дар ин самт арзёбӣ гардида, роҳҳои такмили механизмҳои бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дарёфти самтҳои афзалиятноки танзим ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир муайян гардидаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- унвонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ ҳамаи он масъалаҳое, ки дар самти ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои қарзӣ зарурӣ мебошанд, таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин гардидаанд мавриди таҳқиқӣ ҳаматарафа қарор додааст.

- ҳамчунин масъалаи дигари баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз мукаммалгардонии сиёсати қарзии бонкҳо бо назардошти сифат ва сохтори хатти қарзӣ дар давраҳои тӯлонии истеҳсолот таҳқиқ гардида, вобаста ба сатҳи хавфҳои қарзӣ ва сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ таҳлил гардидааст. Дар доираи ин такмили босифати хизматрасонии қарзи низ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- Тибқи натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ тафсири конкретии тамоми хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар сатҳи васеъ бо ёрии технологияҳои муосири вертуалӣ истифода ва таҳлил гардида роҳҳои дар амал ҷорӣ намудани он пешниҳод гардидаанд. Ғайр аз  ин муқарароти асосии

диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ солҳои 2018-2022 маъруза шудаанд.

- Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Ғайр аз ин, як қатор масъалаҳое, ки тавассути нишондиҳандаҳои алоҳидаи низоми бонкӣ имконпазир мебошанд, таҳлил гардида, натиҷаи онҳо ба воситаи усулҳои оморӣ, экспертӣ ва аналитикӣ таҳқиқ ва пешниҳод гардидаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 10 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, **нашр гардидаанд**;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2018-2022 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф **маърӯза гардиданд**.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 14.04.2023 қарори сазовор донистани Дембегиев Мисралӣ Сафармадович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, ки як нафари онҳо – д.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ. ба тариқи маҷозӣ (онлайн) ҳузур доштанд. Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ – 15 нафар (1 нафар ба тариқи маҷозӣ), муқобил - нест, бетараф -нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**14 апрели соли 2023**